**ПРОТОКОЛИ № 20**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

9 июли соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар

**Раиси шуро:** Муродзода А.А.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд тасдиқгардида 14 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Мухтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ Ҳасанова М.М. ва аъзои комиссия Қурбонова Ш.И. ва Наҷмиддинзода Т. А. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-

2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Ҳомидзода Фурқат Муқим – доктори илмҳои таърих, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

-– Артиқов Абдурафик Абдраманҷонович – номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети таърих ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии “Донигоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 17 сентябри соли 2026, соати $13:^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор - 14, муқобил -нест, бетараф - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои таърих, дотсент** **Муродзода А.А.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, доктори**
**фалсафа (PhD), доктор**
**аз рӯйи ихтисоси таърих** **Мирзоев Ш.Ҷ.**

9 июли соли 2026